**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-19-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шерализода Миралӣ Шерали дар мавзуи «Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таъмини амалӣ намудани он дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод шудааст (Душанбе, 2024. − 28 саҳифа)**

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад, зикр мешавад дар моддаи 1-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Меъёри мазкур далели равшани он аст, ки имрӯз ҳар давлате, ки худро соҳибихтиёр, демократӣ ва ҳуқуқбунёд эълон намудааст, бояд ба тамоми арзишҳои башарӣ, аз ҷумла инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арҷ гузошта, онро дар мадди аввал бимонад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз зумраи он кишварҳое мебошад, ки ин ҳуқуқу озодиҳоро ба ҳама шаҳрвандони худ новобаста ба фарқиятгузорӣ кафолат додааст. Хотиррасон бояд намуд, ки дар баробари меъёрҳои Конститутсия, ҳамчунин як қатор санадҳои миллии дигаре низ мавҷуданд, ки ин арзишҳои олии инсониро эътироф ва кафолат медиҳанд. Яке аз чунин санадҳое, ки таъминсозанда ва кафолатдиҳандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад, меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятиии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Зимни таҳлил ва баррасии кодекси мазкур мушоҳида намудан мумкин аст, ки як қатор моддаҳои он баҳри таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон равона гардидааст. Принсипи

эҳтимолияти бегуноҳӣ, ки дар моддаи 15-и он зикр гардидааст яке аз онҳост. Мутобиқи қисми аввали моддаи 15-и кодекси зикршуда, “ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад”. Аз муқаррароти меъёри мазкур баръало маълум аст, ки ин принсип таъминсозандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад ва дар низоми принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ яке аз принсипҳое ба шумор меравад, ки дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ нақши калидӣ дорад.

Муаллиф низ дар автореферати худ аз муҳиммият ва мазмуну моҳияти принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ишора намуда, андешаҳои қобили қабул баён сохтааст. Қайд мегардад, ки дар шароити муосир принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун механизми муҳофизатӣ хидмат намуда, риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таъмин менамояд. Мутобиқи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ, ҳамчун принсипи мурофиаи судии ҷиноятӣ шахси дастгиршуда аз ибтидо бегуноҳ пиндошта мешавад. Конститутсияи ҶТ ва КМҶ ҶТ риояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшавандаҳоро кафолат медиҳанд ва намегузоранд, ки ин принсип ва арзишҳои умумибашарӣ мавриди таҷовуз қарор дода шаванд.

Ҳамин тариқ зимни омӯзиши автореферати Шерализода Миралӣ Шералӣ ба хулосае омадан мумкин аст, тамоми масъалаҳо дар он ба таври зарурӣ ва вобаста ба талаби муҳтавои принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ба роҳ монда шудааст, ки ин завқи баланди касбият ва талошу заҳмати муаллифро нишон медиҳад. Вазифаҳои гузошташуда ба монанди таҳлил ва омӯзиши ҳамаҷонибаи мафҳуми принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ; муайян намудани таърихи пайдоиш ва ташаккули эҳтимолияти бегуноҳӣ; омӯзиши ҷой ва нақши принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар низоми принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ; муайян намудани амалишавии принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар давраи тосудии мурофиаи ҷиноятӣ; амалишавӣ ва риояи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар давраи судии мурофиаи

ҷиноятӣ; омӯзиши корбурди принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ тибқи стандартҳои байналмилалии мурофиаи ҷиноятӣ воқеан саривақтӣ ва қобили қабул ба ҳисоб рафта, як самти муҳимми фаъолияти принсипи эҳтимолияти бегуноҳиро дар бар мегиранд. Дар ин самт муаллиф такя ба санадҳои дохилӣ ва байналмилалӣ намуда, нуқтаҳо илмии асоснок, тарзи риоя, иҷроиш, роҳи ҳали мушкилот ва дурнамои онро ҳам ба таври назариявӣ ва ҳам ба таври амалиявӣ нишон додааст ва дар ин ҷода муваффақ низ гардидааст.

Дарвоқеъ, муаллиф заҳмату талоши зиёд кашида, як маводи мукаммали илмиро омода сохтааст, ки он метавонад дар ҳама самти фаъолияти дахлдор, аз ҷумла такмили меъёрҳои КМҶ ҶТ мусоидат намояд. Вале новобаста ба ин, баъзе нуқтаҳое низ ба назар мерасанд, ки ба андешаи мо мубоҳисавиянд. Масалан муаллиф зимни пешниҳод намудани мафҳуми эҳтимолияти бегуноҳӣ истилоҳи эҳтимолиятро ба фарзия иваз намудааст, ки ин метавонад баҳснок бошад. Зеро истилоҳи эҳтимолият ҳама паҳлуи бегуноҳии шахсро дар худ инъикос менамояд. Вале ин андешаи мо фардӣ аст ва наметавонад ба мазмуну муҳтавои кор таъсиргузор бошад.

Зери мавзуи мазкур муаллиф хеле тадқиқоти амиқ намуда, вобаста ба он 2 воситаи таълимӣ ва зиёда аз 14 мақолаи илмӣ рӯи чоп овардааст, ки аз он 4 ададаш дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба табъ расидааст.

Тадқиқоти илмии Шерализода Миралӣ Шерали имрӯз дар низоми илми ҳуқуқшиносӣ муҳим ва зарурӣ буда, хулоса ва тавсияҳои пешниҳодгардида, дар фаъолияти самараноки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ метавонад таъсиргузор бошад.

Бинобар ин, тадқиқоти диссертатсионии Шерализода Миралӣ Шералиро ба талаботи муқаррарнамудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ меҳисобем.

Зимни андешаҳои боло, иброз медорем, ки Шерализода Миралӣ Шерали сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
прокурори Раёсати назорати қонунӣ
будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои
гражданӣ, иқтисодӣ, оилавӣ ва маъмурии
Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Шаҳидуллозода М.

Имзои Шаҳидуллозода М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои Прокуратураи генералии
Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рофизода М.Ҳ.

22.11.21

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734043, ш. Душанбе, кӯчаи А. Сино 126; Тел.: (+992 37) 236-71-40; факс: (+992 37) 235-24-41; сомона: www.prokuratura.tj; Email: mail.prokuratura.tj